# Такриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ниёзова Маҳина Тешаевна зери унвони «Муқоисаи шахсияти таърихии Абуалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси «10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик)»**

Унвонҷӯ Ниёзова Маҳина Тешаевна ба таҳқиқоте даст задааст, ки мавзӯи асосии адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ мебошад. Мақсади асосии унвонҷӯ, муайян намудани шахсияти таърихии яке аз нобиғони Шарқ, Абуалӣ ибни Сино ва муқоисаи шахсияти ӯ бо образи ривоятию бадеии ӯ мебошад. Ҳарчанд бештари олимони дунё ҳаёт ва осори Абуалӣ ибни Синоро таҳқиқ намудаанд, мавзӯи мазкур низ пажӯҳиши аввалини илмӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки симои Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино дар нақлу ривоятҳои мардумӣ мавқеи хос дошта, бо образҳои гуногун ифода ёфтааст. Унвонҷӯ Ниёзова Маҳина Тешаевна кӯшиш ба харҷ додааст, ки таҳқиқи ин масъаларо дақиқтар ба роҳ монад. Дар таҳқиқоти илмии унвонҷӯ шакл ва сохтор ба шакли ҷиддӣ оварда шудааст.

Дар баробари арзишманд будани таҳқиқоти мазкур, баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо низ дар фишурда дида мешаванд:

1. Дар боби аввалу дуввуми фишурдаи рисола ҷумлаҳои такрорӣ вуҷуд доранд. Ингуна такрорҳо бештар дар таҳлилҳо ба назар мерасанд. (саҳ. 3,4 ва 5)
2. Баъзе номҳои олимону муҳаққиқон ба чанд шакл навишта шудаанд. Масалан, дар як ҷо Рашидаддини Ватвот, дар дигар ҷо Рашиддидуни Ватвот омадааст ва ғ. (саҳ.4, 5 ва 9)

Камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдоштаи дар боло зикршуда наметавонанд арзиши таҳқиқро кам намояд. Рисолаи номзадии Ниёзова Маҳина Тешаевна зери унвони «Муқоисаи шахсияти таърихии Абуалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» барои дарёфт намудани

дарачаи илмии номзади илмҳои филология кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва номбурда сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.


Қодиров Ғ.
Ходими пешбари илмии Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ
Тел.: (+992) 93 411 40 28


Имзои Ғ. Қодировро тасдиқ менамоям
Нозири калони кадри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Зуҳуров А. Я. _____________ «22» ____11____ 2018